Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Унвонҷӯ Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар кори таҳқиқотии худ ба яке аз масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ намуда, оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих пажӯҳиш намудааст. Таҳқиқотчӣ Шарифова С.С. ба мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст. Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар низоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баъди соҳибистиқлол гардидан дар Тоҷикистон заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тарбияи арзишҳои миллӣ таҳия ва амалӣ гардида истодаанд, ки дар кулли онҳо мақсаду вазифаҳои тарбияи хештаншиносии хонандагон дар оила, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҷомеаи муосир муайян карда шудаанд. Иҷрои мақсаду вазифаҳои тарбияи хештаншиносии хонандагон дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи наврасону ҷавонон чун бунёдгари ҷомеаи демократӣ раванди доимо амалкунанда, пешраванда буда, дар назария ва амалияи тарбиятии халқи тоҷик, таҳқиқотҳои илмии муосир мавриди истифодабарӣ бурданро талаб мекунад. Амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои тарбияи хештаншиносии хонандагон истифодаи таҷрибаи тарбиявии халқро талаб мекунад. Чунки инсон аз рӯзи ба дунё омадан то охири умр дар муҳити оила зиндагӣ менамояд, ба зинаи камолот мерасад, маҳорату қобилиятҳои дар ҷомеа зиндагӣ карданро аз худ менамояд ва кӯшиш менамояд мавқеи худро ҳамчун шахсияти арзишманд ишғол намояд.

Ин низом ба омӯзгорони фаннии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳад, ки роҳу воситаҳои дар хонандагон ташаккул додани тарбияи хештаншиносии хонандагонро дарёфт намоянд ва барои рушд ёфтани он кӯшиш ба харҷ диҳанд. Низоми муосири педагогии тарбияи хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳама давру замон характери ягона надорад, балки вобаста ба тараққиёти илму техника ва технологияҳои муосири таълим мавқеи худро тағйир хоҳад дод.

Имрӯз яке аз омили муҳим ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва махсусан тарбияи хештаншиносии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ташаккули тарбияи хештаншиносии хонандагон дар

машғулиятҳои таърих ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ имкониятҳои васеи зоҳиршавии қобилиятҳои шахсии онҳоро фароҳам оварда, барои дар оянда пайдо кардани ҷойгоҳ ва мақоми муносиб дар ҷомеа ва ифодаи мавқеи инсонгароёнаашон шароити мусоид фароҳам меорад.

Таҳқиқоти Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» ба ҳамин масъалаи басо муҳиму мубрами рӯз бахшида шудааст.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълим муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур, тавре, ки аз мутоилааш бармеояд аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якум, ки "«Ҷанбаҳои назариявии ташаккули хештаншиносии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» номгузорӣ шудааст, фарогири се зербоб буда, дар ҳар яки он муаллиф роҷеъ ба масоили зайл: асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷии муосир ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим ва тарбияи ҳаёти иҷтимоӣ андешарониҳо намудааст.

Дар боби дуюми пажӯҳиш «Мазмуну мундариҷа ва роҳу усулҳои ташаккули хештаншиносии хонандагон дар таълими таърихи умумӣ» Шарифова С.С. дар бахшҳои алоҳидаи он перомуни масоиле чун: сохтори барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими таърихи умумӣ ва озмоиши педагогӣ ва натиҷаҳои он дар ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагонро ба риштаи таҳлил кашида, ҷамъбасти корҳои озмоишию таҳқиқотӣ оид ба шартҳои муттасилии таълим ҷиҳати тарбияи худшиносии хонандагон

зимни таълими фанни таърих баррасӣ карда шуда, технологияи педагогии дидактикии амалигардонии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оварда шудааст.

Дар бахшҳои боби мазкур муаллиф дар хусуси муайян намудани самаранокии нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих, дар сурати мавҷудияти омодагии назариявию амалӣ оид ба педагогикаи муосир; доир ба омода кардани омӯзгорони оянда барои татбиқи тарбияи хештаншиносии хонандагон дар раванди таълим назари худро иброз дошта, таъкид менамояд, ки ташаккул додани тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих ва умуман фанҳои таълимӣ ҳадафи умумии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ пухта кор карда шудааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони русии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” У.Р.Юлдошев

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, хиёбони Сино 29-30.
Телефон: 985296478. E-mail: umarjon58@mail.ru

08.08.2025.

Имзои У.Р.Юлдошевро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати рушди кадрии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”,
номзади илмҳои тиб Сафаров Б.И.